

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№15 (4911)

ҶУМЪА, 31 ЯНВАРИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Саидзода Марзия Файзалӣ аз вазифаи муовини раиси суди шаҳри Душанбе,

Бобохонзода Асомуддин аз вазифаи муовини раиси суди шаҳри Душанбе,

Амонзода Намози Шариф аз вазифаи судяи суди шаҳри Душанбе,

Шукурзода Назрулло Тағайбобо аз вазифаи раиси суди ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон,

Шерзода Ҷӯрабек Сангинмурод аз вазифаи муовини раиси суди вилояти Суғд,

Қурбониён Сафаралӣ Алихон аз вазифаи судяи суди вилояти Суғд,

Давлатзода Исмоил Раҳим аз вазифаи судяи суди вилояти Суғд,

Назарзода Даврон Қувват аз вазифаи судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Баротзода Зумрад Маҳрамиён аз вазифаи судяи суди иқтисодии шаҳри Душанбе,

Саидзода Зулфия Саид аз вазифаи судяи суди иқтисодии вилояти Хатлон бо сабаби ба кори дигар гузаштан озод карда шаванд.

2. Олимзода Рафиқҷон Раҳмат аз вазифаи судяи суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Ашурзода Алишер аз вазифаи судяи суди вилояти Хатлон,

Саидзода Мирзохон Давлат аз вазифаи судяи суди шаҳри Ҳисор,

Мирзозода Файзулло Мирзо аз вазифаи судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан озод карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №937**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод намудани Гуреззода У.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Гуреззода Умед бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №938**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод намудани Шарифӣ Б.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шарифӣ Бахтиёр Маҳмудзода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №939**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон озод намудани Раҳимзода С.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳимзода Сафармаҳмад Абдураҳмон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №940**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон озод намудани Вализода И.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Вализода Икромиддин Сироҷиддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №941**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин намудани Гуреззода У.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Гуреззода Умед иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №942**



# ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**29-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кадрҳое, ки дар мақомоти Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе, ВМКБ ва вилояти Хатлон ба вазифа таъин гардиданд, мулоқот намуданд.**

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозхонд намудани Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод аз вазифаи судяи Суди Олӣ, аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодӣ бозхонд намудани Қосимзода Сулаймон Оймаҳмад бо сабаби ба кори дигар гузаштан, дар бораи муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод, муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қосимзода Сулаймон Оймаҳмад, ба вазифаҳои судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Саидзода Марзия Файзалӣ, Бобохонзода Асомуддин, Шукурзода Назрулло Тағайбобо, Амонзода Намози Шариф, Шерзода Ҷӯрабек Сангинмурод, Қурбониён Сафаралӣ Алихон, Назарзода Даврон Қувват, Давлатзода Исмоил Раҳим ва ба вазифаҳои судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Баротзода Зумрад Маҳрамиён, Саидзода Зулфия Саид пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Шарифӣ Бахтиёр бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод гардида, муовини якуми раиси шаҳри Душанбе, Гуреззода Умед раиси ноҳияи Сино ва Сафарзода Дилшод Ғанӣ раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин гардиданд.

Вализода Икромиддин, ки то имрӯз дар вазифаи раиси ноҳияи Кӯшониён фаъолият дошт, ба вазифаи раиси ноҳияи Ёвон, Холзода Муҳамадшариф раиси ноҳияи Кӯшониён ва Амирзода Маҳмуд раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон таъин гардиданд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Афзалшо Муслима Аскаршо ба вазифаи муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурзода Исфандиёр муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуданд.

Зимни суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини мақомоти судӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини адолати судӣ ва волоияти қонун супоришу тавсияҳо дода, дар назди кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарӣ дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъиншуда низ вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Таъкид гардид, ки ҳифзи манфиатҳои давлат ва мардуми кишвар ҳамеша бояд дар ҷойи аввал гузошта шавад ва вазифаҳои хидматии худро бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва содиқонаю софдилона иҷро намоянд.

# МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ИМАНГАЛӢ ТАСМАГАМБЕТОВ



**29-уми январи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дабири кулли Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД) Имангалӣ Тасмагамбетовро, ки ба шаҳри Душанбе бо сафари корӣ ташриф оварда буд, ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни суҳбат ҷонибҳо масъалаҳои мубрами ҳамкорӣ дар доираи СААД-ро баррасӣ карданд. Дар баробари ин, дар робита ба вазъияти кунунӣ дар минтақаи масъулияти СААД ва атрофи он табодули назар анҷом гирифт. Ҳамчунин, масъалаҳои ҷории рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ муҳокима гардид.

Пешвои миллат, бахусус, ба аҳамияти иҷрои сариваќтии «Барномаи байнидавлатии мақсадноки СААД оид ба таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистон», ки 28 ноябри соли 2024 дар шаҳри Остона аз ҷониби Шурои амнияти дастҷамъии СААД ба тасвиб расида буд, таъкид карда, изҳори итминон намуданд, ки ҳамкории муассир дар ин самт ба таъмини амнияти минтақа мусоидат хоҳад кард.

Зимни суҳбат, ҳамчунин, ба тақвияти минбаъдаи кори ҳамаҷониба дар доираи СААД оид ба муқовимат ба хатару таҳдидҳои амниятӣ, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, зуҳуроти тундгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва муташаккили фаромиллӣ, таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

**www.prezident.tj**

### Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум



**Сиюми январи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

# ШАҲОМАТИ ТИРГОН ҲАМ ЭҲЁ МЕШАВАД

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа як масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ИТТИЛОИЯ

**Дар бораи Иҷлосияи бисту якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Иҷлосияи бисту якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум **3-юми феврали соли 2025**, соати **10-00** дар толори иҷлосияҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **2-юми феврали соли 2025** аз соати **09-00** то соати **17-00** ва **3-юми феврали соли 2025** аз соати **08-00 то 09-30** дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо:**
**221-98-35, 223-19-48.**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин намудани Сафарзода Д.Ғ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафарзода Дилшод Ғанӣ иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №943**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин намудани Ализода И.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ализода Икромиддин Сироҷиддин иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №944**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон таъин намудани Амирзода М.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Амирзода Маҳмуд Ҳамид иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №945**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон таъин намудани Холзода М.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Холзода Муҳамадшариф Муҳабат иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №946**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Малдив таъин намудани Бобокалонзода Л.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ҳиндустон Бобокалонзода Луқмон ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Малдив таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №947**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Гурҷистон таъин намудани Абдураҳмон И.Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон Абдураҳмон Илҳом Баротзода ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Гурҷистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №948**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Амирзода Маҳмуд Ҳамид бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №АП-738**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муминзод Камолиддин Рамазон муовини якуми раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2025, №АП-739**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2025, №73, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сафарзода Д.Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарзода Дилшод Ғанӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2025, №74, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шукурзода И.Ш.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шукурзода Исфандиёр Шукур муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2025, №77, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қиёмзода З.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қиёмзода Зарафо Суфиҷон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ШАҲОМАТИ ТИРГОН ҲАМ ЭҲЁ МЕШАВАД

**(Идома аз саҳ. 1)**

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаи зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*



**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сухан ба ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бо мақсади эҳё ва таҷлили иди Тиргон пешниҳод шудааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сархати нав илова гардида, тибқи он иди Тиргон ҳар сол 1 июл ҷашн гирифта мешавад.

Мувофиқи сарчашмаҳои муътабари таърихӣ ва осори илмӣ ҷашни Тиргон ҳанӯз дар замонҳои хеле қадим дар миёни мардуми тоҷик бо риояи расму оинҳои хоси он таҷлил мегардид. Тиргон дар радифи ҷашнҳои Сада, Наврӯз ва Меҳргон ҷашни кишоварзон буда, ба обу замин ва ҷамъ овардани ҳосили зироатҳо робита дорад. Тиргон яке аз ҷашнҳои хоси мардуми ориёитабор буда, дар моҳи тир таҷлил мегардид, вале бо гузашти замон ва бо сабабҳои гуногун арзишҳои маънавию фарҳангии ин ҷашн камранг ва ҳатто фаромӯш шуда, танҳо маросиму одатҳое аз он боқӣ мондаанд, ки дар баъзе аз минтақаҳои гуногуни сукунати қавмҳои ориёӣ ҷашн гирифта мешуданд. Бо ибтикор ва ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашни қадимаи тоҷикон дар баробари ҷашнҳои Сада, Наврӯз ва Меҳргон эҳё гардид.

Тибқи суннатҳои Тиргон айёми ҷашнгирии он мардум хонаҳоро тозаву озода карда, либоси тоза ба бар мекунанд, аз ҳосили нав нону таомҳои гуногун пухта, дастархони идонаи худро оро медиҳанд, дар бозорҳо беҳтарин навъҳои маҳсулоташонро ба намоиш мегузоранд ва якҷоя хурсандӣ мекунанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар асоси гуфтаҳои боло аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади эҳё ва таҷлили иди миллии Тиргон таҳия гардидааст. Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сархати нав илова гардида, дар асоси он ҷашни Тиргон ҳамчун рӯзи ид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июл муайян карда мешавад.

Тақрибан пас аз асрҳои XIV-XV роҷеъ ба баргузории Тиргон, ки таърихи беш аз 6000-сола дорад, дар китобҳои таърихию адабӣ маълумоте мавҷуд нест. Тибқи маълумоти дастрас иди мазкур дар рӯзи 13-уми моҳи тир, ки он рӯзро низ тир меномиданд, баргузор мегашт. Агар ҷашни Сада марбут ба зимистон бошад, Наврӯз дар айёми баҳор ва Меҳргон дар тирамоҳ ҷашн гирифта шаванд, Тиргон ҷашни тобистон буд, ки мутобиқ ба 1-уми июл таҷлил мешуд. Ин идҳо чор унсури табиатро ифода карда, Сада ба оташ, Наврӯз ба хок, Тиргон ба об ва Меҳргон ба ҳаво иртибот доранд.

Даҳ сол пештар шумораи хеле ками одамон аз ҷашни Сада огоҳӣ доштанд ва имрӯз он ҷашни расмӣ аст. Ҳамин тавр, Тиргон ҳам бо мурури солҳо метавонад, ки дар хотири мардум нақшпазир гашта, иди дӯстдоштанӣ шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин ҷашн бесабаб таваҷҷуҳ накардаанд. Эҳёи ҷашни Тиргон ва ба монанди Сада, Наврӯз, Меҳргон ботантана қайд кардани он, бешубҳа, барои боло бардоштани ифтихори миллӣ ва арҷгузорӣ ба фарҳанги қадимаи миллат хоҳад шуд. Аз лиҳози фалсафӣ бошад, чор унсури табиат ва ҷашнҳои он - унсурҳои хок - Наврӯз, бод - Меҳргон, Сада - оташ ва Тиргон - об ба таври комил барқарор хоҳад гашт.



Пӯшида нест, ки чандин иқдоми Тоҷикистон доир ба об дар сатҳи байналмилалӣ мавриди истиқболи гарму самимӣ қарор гирифтааст. Маҳз бо ташаббуси Тоҷикистон бо қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» дар миқёси олам эълон гаштааст.

Эҳёи ҷашни Тиргон ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» аз чанд лиҳоз мутобиқат мекунад.

**Вакилони арҷманд!**

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ мебошад. Бо назардошти ин аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалае, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буд, баррасӣ шуд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Сию якуми январи соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ва «Дар хусуси Конвенсия оид ба имтиёзҳо ва масунияти Котибот, ҳайати он ва намояндагони давлатҳои иштирокдори Машваратҳои ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод шуданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул намуд.

**«Садои мардум»**

# БАРРАСИИ ҲАМКОРӢ БО ИТТИҲОДИ АВРУПО

**30-юми январи соли 2025 мулоқоти аъзои Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия бо хонум Данка Ковалова, Римантас Вичкас ва Абдуҷаббор Зарифӣ - коршиносони лоиҳаи «Кумаки Иттиҳоди Аврупо дар ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ ва баланд бардоштани малакаҳо барои шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобаста ба масъалаҳои пешниҳод ва баррасии қонуни буҷет, татбиқи раванди буҷетикунонии барномавӣ баргузор гардид.**

Ҷонибҳо, инчунин, масъалаҳои густариши робитаҳо дар доираи ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо ва дигар масъалаҳои мавриди эҳтимоми муштаакро баррасӣ намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МН МО ҶТ**

# ВОСЕЪ. ҶАВОНОНИ БЕШУҒЛ СОҲИБКАСБ МЕГАРДАНД

**Дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ-техникии ба номи Рустам Холалӣ»-и ноҳияи Восеъ ҷавонони бешуғл аз рӯйи ихтисосҳои тракторчӣ, мошинист барои истеҳсолоти кишоварзӣ, дӯзанда, кафшергари газию барқӣ, муҳосиб, устои барқ ва сохтори интернет-технология, ҳисобдор бо донистани компютер ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд.**

Саидмукаррам Гулов, директори муассиса, зимни суҳбат изҳор дошт, ки муассиса аз соли 1954 инҷониб фаъолият намуда, дар замони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат заминаи моддии он хеле беҳтар гардид. Дар муассиса курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи 11 ихтисос ба роҳ монда шудааст. Айни замон дар муассиса 351 хонанда, аз ҷумла дар касбҳои дӯзандагӣ 40 нафар, тракторчӣ ва мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ – 88, ҳисобдор – 66, устои барқ – 40, кафшергари газию барқӣ – 100 нафар ва мутахассисони бахши компютер ва интернет-технология баъди хатми синфи 11-ум 17 нафар, ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуда, ба онҳо 34 омӯзгори соҳибтахассус ва 16 нафар усто таълим медиҳанд.

Гуфта шуд, ки дар муассиса баъди хатми синфи 9 таҳсил ду сол идома намуда, хатмкунандагон бо гирифтани аттестати хатму дипломи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва баъди хатми синфи 11 бо як соли таҳсил бо гирифтани диплом ва ихтисос соҳибкасб мешаванд.

Ҷиҳати омода намудани касбомӯзони дар бозори меҳнат рақобатпазир ва ҷалби бештари ҷавонон ба ҳунарҳои мардумӣ дар муассиса курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯйи 11 ихтисос, аз ҷумла, дӯзандагӣ, қолинбофӣ, адрасбофӣ, гулдӯзӣ, кафшергари барқӣ, челонгар, тракторчӣ, чӯбтарошӣ, табақтарошӣ, қуроқдӯзӣ, муҳосибӣ, ронандагӣ ва дигар касбҳо, ба роҳ монда шудааст. Соли 2024 беш аз 200 нафар ин курсҳои кӯтоҳмуддатро хатм намуда, соҳиби шаҳодатномаи тахассусӣ шудаанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РУШДИ ФАРДОИ ДУРАХШОН АСТ ПАЁМ

**Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъе ироа шуд, ки тайи чанд соли охир дар иқтисоди ҷаҳонӣ ҳолати бухронӣ ба миён омадааст. Ин аст, ки Пешвои миллат Паёмро бо ёдрас кардани мушкилоти вазъи иқтисодии ҷаҳонӣ оғоз намуданд. Пеш аз ҳама, дар ин раванд вазъи бархӯрдҳои манофеи сиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, инчунин, паёмади тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, яроқнокшавии бошитоб ва халалёбии низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ҳамчун воқеияти кунунии ҷаҳон бозтоб гардид. Ҳарчанд душвориҳои зиёде дар муносиботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар панҷ соли охир дар кишварҳои ҷаҳон ба вуҷуд омаданд, аммо давлат ва Ҳукумати кишвари мо тавонистанд самти тавсеаи рушд ва зиндагии шоистаи мардуми кишварро дар авлавияти сиёсати худ қарор дода, ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадаф аз тамоми захираву имкониятҳо истифода намоянд.**

Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарзи асоснок ҳар бахши ҳаёти иҷтимоиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд. Сарвари давлат дар Паём аз нигоҳи илмӣ ба таври дақиқ ва боасос мақсаду маром ва тарзи амалигардонии нақшаҳои кори ниҳодҳои



давлатиро ба миён гузоштанд. Роҳҳои таъмини рушди устувори иқтисодии мамлакат аз ҷиҳати назариявӣ асоснок шуда, шароити амалӣ кардани онҳо аз лиҳози мантиқӣ бо истинод ба усул ва роҳкорҳои таҷрибии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бо назардошти хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд.

Лозим ба таъкид аст, ки роҳ ва василаҳои таъмини рушди рӯзафзуни ҷумҳурӣ баъди ба даст омадани истиқлоли давлатӣ аз ҷиҳати назариявӣ, бидуни шакку шубҳа, маҳсули хирадиояндабини Пешвои муаззами миллат аст.

Дар Паёми хеш Роҳбари давлат қайд карданд, ки соли сипаришуда дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,4 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 150 миллиард сомонӣ расонида шуд. Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расид. Яъне нишондиҳандаи мазкур 3 баробар зиёд гардида, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфта, дар ин давра маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд шуд. Сатҳи таваррум соли 2024-ум 3,6 фоиз ва дар панҷ соли охир 29 фоизро ташкил кард, ки андозаи маош, нафақа ва стипендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум бамаротиб зиёд гардида, бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардуми кишвар мусоидат намуданд. Бо мақсади идома додани ин раванд Пешвои миллат Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор намуданд, ки иҷрои саривақтиву босифати барномаву нақшаҳои қабулгардида ва дар ин замина рушди иқтисоди кишварро дар соли 2025-ум дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд.

Дар идома Президенти кишвар ба таври муфассал самтҳои иқтисодии кишвар, аз ҷумла кишоварзӣ, энергетика, саноат, роҳсозиро мавриди баррасии амиқ қарор доданд. Қобили зикр аст, яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисоди кишварҳои пешрафта ин рақамикунонии иқтисодиёт маҳсуб аст. Ин ҷиҳатро Пешвои миллат дар Паёми хеш мавриди таҳлил қарор дода, самтҳои рушди онро барои панҷ соли оянда муқаррар намуданд. Бо ин мақсад, ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон шуда, ба сохторҳои масъули самт дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Мавриди омӯзиш қарор додани суръати афзоиши аҳолии кишвар, таъмини ниёзҳои мардум, дар баробари ин баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва рушди таъмини иҷтимоии мамлакат аз мавзуъҳои рӯзмарраи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуд.

Яке аз масъалаҳои муҳими дигаре, ки дар Паём ба он ишора шуд, давра беҳтар кардани вазъи зиндагии мардум ва батадриҷ таъмини ниёзҳои ҷомеа, рушди соҳаҳои саноату хоҷагии қишлоқ тавассути афзудани истеҳсоли молу маводи ватанӣ, ҳамчунин, кам кардани ҳаҷми воридот бо такя ба илму маориф ва неруи зеҳниву татбиқи фанновариҳои навин буд.

Пешвои миллат ба саноатикунонии мамлакат низ эътибори махсус доданд. Таъмини рушди устувори иқтисодӣ, аз ҷумла сохтани корхонаҳои саноатӣ, бунёди шароити беҳтари инфрасохторӣ дар ин соҳаҳо, аз вазифаҳои муҳими давлатӣ дониста шуд.

Аз паёмҳои қаблӣ огоҳем, ки саноатикунонӣ дар чанд соли охир ба стратегияи давлат табдил ёфтааст. Аз ин ҷост, ки ба кишвари саноатӣ ё ба истилоҳ, индустриалӣ табдил додани мамлакат аз кормандони сохторҳои давлатӣ, махсусан блоки иқтисодии Ҳукумат, масъулият, касбият, донишу маҳорат ва ҳимматро тақозо мекунад. Дар зимн, силсилаи тадбирҳое, ки тайи чанд соли охир дар самти сохтмони корхонаю иншооти саноатӣ дар гӯшаву канори ҷумҳурӣ анҷом мегиранд, ҳадафи стратегии давлатро, ки дар «Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030» инъикос ёфтааст, таҳким мебахшанд. Сарвари давлат таъкид намуданд, ки дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил шудааст. Суръати миёнасолонаи рушди соҳа дар ин давра дар сатҳи 15 фоиз таъмин гардид, ки бо дарназардошти имконияту иқтидорҳои мавҷуда барои ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар нокифоя арзёбӣ гардид.

Сарвари давлат рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии онро бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон ҳисобида, қайд намуданд, ки вобаста ба ин сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ, мебошад. Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат илму маорифро пойдевори низоми давлатдории дунявӣ хонданд. Ба ин далел, зикр карданд, ки давлат ва миллат бидуни илму маориф ҳеҷ аст ва ҳузури фаъоли маорифчиёну зиёиён, ки муаррифгари давлат ва миллатанд, дар умури сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ амри бебаҳс аст. Авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки агар соли 1991 низоми маорифи кишвар дар 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ 1,3 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, ҳоло дар 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсею гимназия, шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 300 ҳазор нафар расидааст.

Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад. Дар идома ба таври муқоиса зикр гардид, ки агар дар соли 1991-ум 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард, ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст.

Имрӯз дар кишвар 65 литсейи касбҳои техникӣ, яъне муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо 23 500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо бо 12 000 хонанда, инчунин, 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ – коллеҷҳо бо 106 000 донишҷӯ фаъолият доранд. Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд.

Дар ин замина таъкид шуд, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад ва сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Яъне то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯ наорад, миллат дастнигар, хорузор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯинашаванда боқӣ хоҳанд монд. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад.

Сарвари давлат фармуданд, ки сатҳу сифати таълим дар ҳар як муассисаи таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардошта шавад. Ҷалби наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеию илмӣ ва таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои табиию риёзӣ, ки аз мушаххасоти давр ва ҷаҳони муосир аст, таъмин намоянд. Мушкилоти дар ин самт ҷойдошта таҳлил гардид ва дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо ва Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои таҳсилотӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ супоришҳои мушаххас дода шуд.

Сарвари давлат зимни баррасии масъалаҳои фарҳанг, ҷавонон ва бонувон боло бурдани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, инчунин, эҳтиром гузоштан ба занону бонувонро махсус таъкид карданд. Зуҳуроти номатлуби терроризму экстремизм, ки зоидаи «табъу истеъдод»-и ҷаҳолатмаобони давранд, ҳамеша аз ҷониби қудратҳои бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ шуда, вазъи куллиро дар манотиқи гуногуни шарқӣ, бавижа шарқи мусулмонӣ, ноҷур месозанд. Сухан сари ин аст, ки фарҳангҳои миллию бумӣ дар чараёни ташаннуҷи ифротгароӣ ва тундгароии динӣ таҳти хатари азим қарор гирифта, дар садади нобудианд.

Сарвари давлат зимни ироаи сиёсати хориҷӣ дар Паём масъалаи манофеи миллиро ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯзҳои нахустини давлатдориамон ҳадафи меҳварӣ маҳсуб меёфт, ба самъи ҳозирин расонида, дар ин замина, таъкид доштанд, ки давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон тамоми саъю талошро баҳри ба сатҳи кишварҳои мутамаддини ҷаҳонӣ расонидани ҷумҳурӣ анҷом медиҳад ва дар ин кор саҳми мардуми шарифи Тоҷикистон бисёр бузург хоҳад буд. Ба ин тартиб, Роҳбари мамлакат ҳадафи стратегии давлатро дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2024) дар таъмин намудани шароити арзандаи зиндагӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карданд. Дар ин Паём масъулиятписандӣ, кордонӣ, ташкилотчигӣ, муоширати хуби корӣ, одоби сазовори хизматчии давлатӣ, расидагӣ ба мушкилоти мардум, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва мардумӣ, самаранокии мудирияти давлатӣ ва амсоли инҳо матраҳ гардид. Тақвияти сармояи инсонӣ, даст ёфтан ба нишондодҳои зарурии макро ва микроиқтисодӣ, таъмини амнияти давлатӣ ва миллӣ, рушди бемайлони илму маорифи ватанӣ, пайвастан ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ, дарёфти истеъдодҳои нодири миллӣ дар бахшҳои гуногуни илму маориф, бавижа дар илмҳои табиӣ-риёзӣ ва амсоли инҳо, самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тариқ, дар Паём самтҳои ҳаётан муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат мавриди таҳлилу арзёбии мӯшкифона қарор гирифт. Паёми Пешвои миллат дурнамои рушди давлатдории мост ва дар он нақшаҳои муҳимтарини сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дақиқу аниқ муайян шудаанд. Шоиставу боиста аст, ки ин ҳуҷҷати раҳнамо ва тақдирсоз, ки бар мабнои тозатарин нишондодҳои илмию ихтисосӣ таҳияву коркард шудааст, ба унвони мадраки муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва маданӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиши коршиносон ва ниҳодҳои илмиву пажӯҳишии кишвар қарор гирад.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,**
**номзади илмҳои фалсафа**

---

**Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун дигар паёмҳои Роҳбари давлат саршор аз ғурури миллӣ ва ифтихори ватандорӣ буд. Паём, яъне сухани самимии Роҳбари давлат ба ҳар як ҳамватан, пайғоми пурифтихори насли имрӯз ба наслҳои фардо ва садои баланду созандаи давлату миллати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонист.**

Яке аз масъалаҳои меҳварӣ ва бунёдиро дар паёмҳои Роҳбари давлат сиёсати ҳуқуқии кишвар ташкил дода, заминаи онро таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба рушди низоми ҳуқуқӣ нигаронидашуда ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда ҷиҳати таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, устувории низоми иқтисодиву иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, рушди соҳаи сайёҳӣ ва бо ин васила таҳкими фаъолият бо мақсади рушди низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Ин ҳуҷҷати муҳими стратегӣ дар самти ислоҳоти низоми қонунгузорӣ оид ба қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо ва қонунҳо, такмили фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ, беҳтар намудани сифати қонунҳо ва мутобиқгардонии онҳо ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву ҳуқуқӣ ва бо ин васила мутобиқ гардонидани онҳо ба стандартҳои милливу байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, сиёсати ҳуқуқии кишвар дар иртибот бо самтҳои асосии сиёсати давлат амалӣ гардида, заминаи ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигари сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Дар Паёми Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангии миллат ва муаррифии боз ҳам бештари онҳо дар арсаи байналмилалӣ ба вазорату идораҳои мухталиф дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд. Аз ҷумла, барои таҷлили ҷашни 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба масъулин дастур дода шуд, ки маводи зарурӣро омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд.





# ВАҚТЕ АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГӢ АРҶГУЗОРӢ МЕШАВАНД...

Мавриди зикр аст, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ҳанӯз дар давлатҳои дунёи қадим мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар он беш аз 50 ғояи башардӯстӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ инъикос ёфтааст. Эъломияи Куруши Кабир бо номи «Лулаи Куруши Кабир» боиси таваҷҷуҳи сиёсатмадорон, муҳаққиқон, ҳуқуқшиносон ва ҷомеаи умумибашарӣ қарор гирифта, ҳангоми таҳияи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки онро Иҷлосияи III кулли СММ бо қатъномаи худ 10 декабри соли 1948 қабул кард, аз он истифода шудааст. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар 44 маврид ғояҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар шаклу мазмуни дақиқи имрӯза омадааст.

Эъломия ҳуҷҷатест, ки дар он саъю талош ва муборизаи халқҳои ҷаҳон ва намояндагони алоҳидаи онҳо баҳри эътироф ва қабули озодию баробарӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон қабул шудааст.

Эъломияи Куруши Кабир дар замони зиндагии ӯ ба се забон - форсӣ, эломӣ ва бобулӣ ба рӯи устувонае аз гили пухта нақш гардид. Лавҳае, ки ба забони бобулӣ аст, пас аз ҷанги якуми ҷаҳон аз ҷониби бостоншиносони англис аз маҳали шаҳри қадимаи Бобул дарёфт шуда, ҳоло дар осорхонаи Британия маҳфуз аст.

Эъломия бо зиёда аз 360 забон нашр шуда, аз доштани хусусияти универсалӣ ва миқёси паҳншавии он шаҳодат медиҳад.

Иқдоми нахустини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) пазируфта шудани он мебошад. 26 феврали соли 1992, баъд аз ба имзо расонидани Санади хотимавии Хелсинкӣ, Тоҷикистон ба узвияти САҲА қабул гардид ва 2 марти соли 1992 дар Иҷлосияи 46-уми Ассамблеяи генралии СММ қатънома оид ба қабули Тоҷикистон ба узвияти СММ якдилона ҷонибдорӣ ёфт.

Шукрона бояд кард, ки бо ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат имрӯз давлати моро дар арсаи ҷаҳон бо фарҳангу тамаддуни пурғановат эътироф намуда, ҳамчун миллати куҳанбунёд ва бофарҳангу соҳибтамаддун мешиносанд. Аз ҷониби дигар, таърих моро водор месозад, ки арзишҳои миллии хешро боифтихор ҳифз намоем.

**М. САЛОҲИДДИНЗОДА,**
**корманди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон**

---

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон пайваста таъкид менамоянд ва баҳри эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо аз ҷониби ҳар як шахс, мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.**

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМ

Аз ҷумла, Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 30-юми апрели соли 2004 таъкид ба амал оварданд, ки: «Маҳдуд намудани ҷазои қатл амали хеле назаррас аст, аммо нисбат ба ҳаёти инсон бояд муносибати башардӯстона сурат гирад. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ ва дахлнопазир буда, дар миёни онҳо ҳуқуқ ба ҳаёт мавқеи хоса дорад. Воқеан ҳаққи ҳаёт арзиши табиӣ буда, ҳеҷ кас ҳақ надорад касеро аз ин ҳуқуқ маҳрум созад». Аз ин лиҳоз, Президенти мамлакат дар ҳамин Паём зарур донистанд, ки ба татбиқи ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моратория эълон карда шавад.

Ҷиҳати иҷрои талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 30-юми апрели соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия аз ҷониби парламент қабул ва ҷонибдорӣ шуда, 15-уми июли соли 2004 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид. Мутобиқи моддаи 1-уми қонуни мазкур татбиқи ҷазо дар шакли ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 104 қисми 2, 138 қисми 3, 179 қисми 3, 398 ва 399 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, боздошта шуд ва дар давраи боздоштани татбиқи ҷазои қатл ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати бисту панҷ сол муайян гардид.

Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми апрели соли 2013 бори дигар ба масъалаи ҳукми қатл таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз доштанд, ки: «Воқеан, ҳаёти инсон асоси ҳастӣ ва неъмати бебаҳо буда, маҳрум кардан аз он маънии қатъ гардидани мавҷудияти фард, шахсият ва узви ҷомеаро дорад. Дар тамаддуни инсонӣ аз ҷониби давлат татбиқ накардани ҷазои қатл, пеш аз ҳама, чун нишонаи башардӯстӣ, шафқат ва пешравии ҷамъият эътироф карда мешавад».

Роҳбари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 30-юми апрели соли 2007 бо мақсади пурзӯр намудани фаъолият ва густариши минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеа, инчунин, баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон дар мамлакат масъалаи таъсис додани институти миллии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро ба миён гузоштанд ва зарур донистанд, ки барои таъсиси он тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ андешида шаванд. Дар робита ба ин, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 25-уми апрели соли 2008 махсус зикр намуданд: «Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» қабул гардид, ки он заминаҳои ҳуқуқии таъсиси мақоми махсусро дар баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон таъмин мекунад. Ин сохтор бояд ҳамкории ҳамаҷонибаи худро, пеш аз ҳама, бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ташкилоту мақомот ба роҳ монад».

Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия аз тарафи парламент қабулу ҷонибдорӣ шуда, 20-уми марти соли 2008 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида, бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риояю эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон, шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, соли 2009 мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мустақил буда, ба ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда нест.

Дар асоси моддаи 11 қонуни мазкур вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат намудан ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд, таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи онҳо, инчунин салоҳияти дигаре мебошад, ки боби 3 қонуни зикргардида муқаррар намудааст.

Президенти мамлакат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 23-юми январи соли 2015 мавҷудияти ниҳоди махсус вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро дар кишвар муҳим арзёбӣ карда, пешниҳод намуданд, ки бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шавад. Дар натиҷа, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» боби 5[1] (муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) илова ворид гардид. Боби мазкур аз 7 модда иборат буда, дар он таъсиси вазифа, талабот нисбат ба номзад, тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардан, ба вазифа шурӯъ намудан, муҳлати ваколат ва дахлнопазирӣ, маҳдудиятҳо барои ишғоли вазифа, салоҳият, фаъолият ва кафолатҳои моддию иҷтимоии муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯзаҳои ҳарсола ва махсуси ӯ муқаррар карда шуданд.

Ба ҳамин тартиб, дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми январи соли 2015 бо мақсади эҳтиром, риоя ва ҳифз, ҳуқуқу озодиҳои кӯдак соли 2016 институти нав – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Салоҳият, фаъолият ва кафолатҳои моддию иҷтимоии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак амалӣ карда мешавад. Чунончӣ, мусоидат намудан ба риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи он, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва рушду ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт аз ҷумлаи вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак мебошанд.

«Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022 тасдиқ гардид. Дар банди 61 нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати амалӣ намудани стратегияи мазкур масъалаи таъсис додани омбудсмени молиявӣ, яъне Ваколатдор оид ба ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон пешбинӣ гардида буд.

Бинобар ин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми октябри соли 2022 мансаби муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҷиҳати тақвият бахшидан ба фаъолияти ниҳоди нав Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувazзаф гардид, ки дар муҳлати муқарраршуда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид намояд. Дар ин замина, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид, ки таъсиси мансаби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон маҳз аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» сарчашма мегирад.

Ҳамин тавр, нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамчун падидаи нави замони соҳибистиқлолӣ дар эҳтирому эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хеле бузург мебошанд. Сарвари давлат дар ҳар як Паёмашон дар хусуси эҳтироми меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, татбиқи пайваста ва пайгиронаи онҳо махсус таъкид менамоянд ва ҷиҳати эҳтиром ва риояву ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**




# ХАТЛОН. ИФТИТОҲИ НАХУСТИН ТАШХИСГОҲИ КИШОВАРЗӢ

**Дар шаҳри Бохтар маркази машваратӣ ва аввалин ташхисгоҳи кишоварзии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дода шуд.**

Иншооти мазкур бо дастгирии шарикони рушд ва лоиҳаи «Озуқаворӣ ба хотири оянда»-и ташкилоти USAID дар ҳамкорӣ бо ҶДММ «Агро Олам» бунёд гардида, феълан дар он чор мутахассис бо ҷои кор таъмин гаштанд.

Марказ бо харҷи 125 ҳазор доллари амрикоӣ сохта шуда, аз панҷ бахш, ҳуҷраҳои мушовирон, қабули номаҳо, ташхисгоҳҳои касалиҳои растаниҳо, хоку об ва толори омӯзишу маҷлисгоҳ иборат мебошад.

Он бо таҷҳизоти муосири рақамӣ муҷаҳҳаз буда, барои баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар маросими ифтитоҳи иншоот раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, вазири кишоварзии мамлакат Қурбон Ҳакимзода ва дигар шахсони дахлдор иштирок намуда, ба масъулин дастур доданд, ки аз имконияти фароҳамоварда самаранок истифода карда, дар таъмини амнияти озуқаворие мамлакат саҳми арзанда гузоранд.

**С. СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# РОШТҚАЛЪА. ИНФРАСОХТОРИ НОҲИЯ ДИГАР МЕШАВАД

**Баъд аз ба кор андохтани НБО «Себзор» соҳаҳои иҷтимоиёт, саноат, иқтисодиёт ва инфрасохтори ноҳия дигаргун хоҳад шуд.**

Дар доираи бунёди нерӯгоҳ сохтмони як қатор иншоот, аз ҷумла хатҳои интиқоли барқу роҳи мошингарди аҳамияти байналмилалидошта, оби ошомиданӣ ба деҳаҳои Чагев ва Тир-Чагев, майдончаи варзиш дар деҳаи Даштак, бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18 ва кӯдакистон дар деҳаи Барҷангал, хати оби ошомиданӣ ба деҳаҳои Барҷангал ва Миденшарв, мумфаршкунии роҳи мошингард аз деҳаи Чагев то деҳаи Барҷангал, ба нақша ворид гардиданд, ки ин иқдом, пеш аз ҳама, баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва некуаҳволии сокинон мусоидат хоҳад кард.



Тавре аз Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Роштқалъа иттилоъ доданд, ноҳия аз кону канданиҳои гуногуни фоиданок бой буда, ҳангоми ба истифода додани нерӯгоҳ имконияти ба кор даровардани конҳои санги лоҷвард, ёқут, мармар, корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, обҳои минералию геотермалӣ низ фароҳам мегардад.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# КӮЛОБ. ДАСТОВАРДҲОИ МАКТАБИ ПРЕЗИДЕНТӢ ШОИСТАИ ТАҲСИН АСТ

**- Соли 2024 барои омӯзгорону хонандагони мактаби президентии шаҳри Кӯлоб хотирмон буд. Дар ин сол муҳассилини ин даргоҳ дар олимпиадаву озмунҳои фаннӣ дар сатҳи вилоят, ҷумҳурӣ ва хориҷ аз кишвар фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд, - гуфт муовини директори муассиса оид ба корҳои таълим Азиз Мирзоев.**




Алҳол дар он 762 хонанда, аз ҷумла 162 духтар, таҳсили илм дошта, ба онҳо 58 омӯзгор таълим медиҳанд. Муассиса дорои хобгоҳ буда, дар он зиёда аз 640 хонанда аз шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб фаро гирифта шудаанд.

- Шароити замонавӣ, ки Ҳукумати мамлакат барои мо, омӯзгорону хонандагон, муҳайё сохтааст, водор месозад, ки ба сатҳу сифати донишомӯзӣ ва рафтору ахлоқи ҷавонон таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, онҳоро дар руҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия намоем, - таъкид намуд А. Мирзоев.

Номбурда афзуд, ки дар мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқати шаҳри Кӯлоб ба кадрҳои педагогӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Омӯзгорони муассиса аз тариқи озмун қабул шуда, 2 нафар номзади илм, як Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 27 Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар соли таҳсили 2023-2024 муассисаро 64 нафар хатм намуданд, ки ҳоло 25 кас дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, 11 нафар дар Донишгоҳи миллӣ, 8 нафар дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ ва 8 нафари дигар дар хориҷи кишвар таҳсили илм доранд. Иттилоъ гирифтем, ки соли 2024 зиёда аз 30 хонандаи мактаби президентии шаҳри Кӯлоб дар олимпиадаву озмунҳои фаннӣ дар сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ иштирок намуда, сазовори 23 ҷой гардиданд, ки аз ин 2 ҷойи якум, 4 ҷойи дуюм ва 17 ҷойи сеюмро ташкил медиҳанд.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# МОИ «ПАНҶ» - ДАРВОЗА ТО УҚЁНУСИ ҲИНД

**Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2008, дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон, дар мавзеи Қарадуми ноҳияи Ҷайҳун таъсис дода шудааст. Масоҳати умумии он 401,6 гектар буда, аз канори ин минтақа шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе-Панҷи поён-Кобул мегузарад, ки барои кашонидани мол ба ҷумҳуриҳои Афғонистон, Покистон, Эрон ва Ҳиндустон имконият медиҳад. Вобаста ба фаъолияти ин минтақаи озоди иқтисодӣ бо роҳбари он Бузургмеҳр Каримзода суҳбат намудем, ки фишурдаи он манзур мегардад:**




**- Дар МОИ «Панҷ» чанд субъект ба қайд гирифта шудааст?**

- Дар Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» барои ташкил ва фаъолияти пурсамари ташкилот, корхона ва соҳибкорони инфиродӣ, ки бо ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷӣ фаъолият менамоянд, шароити лозимӣ фароҳам шудааст. Субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти андоз, ба ғайр аз андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеии бо тарзи кироя коркунанда, озоданд. Айни замон дар МОИ «Панҷ» 16 субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 9 субъекти истеҳсолӣ, 3 субъекти хизматрасон ва 4 субъекти тиҷоратӣ мебошанд. Ин нишондиҳанда тамоюли афзоиш касб намуда, соли 2024 маъмурияти минтақа 5 субъекти нав, аз ҷумла ҶДММ «Ширкати логистикии истеҳсолии «Роҳи абрешими Панҷ» оид ба истеҳсол ва тиҷорати мошинҳои боркаш, ҶДММ «Неруи нави Панҷ» оид ба истеҳсоли генераторҳои барқӣ, ҶДММ «Самти сабз» оид ба бунёди зеристгоҳи барқӣ бо иқтидори 50 мВт, ҶДММ «Парки миллии саноатии Тоҷикистон - Панҷ Ляолин» – ширкати идоракунанда ва ҶДММ «Ширкати технологии «Панҷ Синъюэ»-ро оид ба истеҳсоли асбобҳои равшаникунанда ба қайд гирифт.

**- Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷалби сармоя мебошад. Дар ин давра чӣ қадар сармоя ба МОИ «Панҷ» ҷалб шуд?**

- Соли сипаригардида беш аз 3 миллион сомонӣ сармоя ҷалб гардида, умед аст, ки дар заминаи лоиҳаҳои татбиқшаванда ин нишондиҳанда афзун мегардад. Ҳамчунин, дар ин давра даҳ вохӯрӣ ва гуфтушунид бо сармоягузорони кишварҳои Покистон, Эрон, Афғонистон, Чин, Федератсияи Россия ва сармоягузорони ватанӣ доир шуд. Маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор намуда, минбаъд низ барои бештар ҷалб намудани соҳибкорону сармоягузорони хориҷию ватанӣ барои фаъолият дар ҳудуди МОИ «Панҷ» чораҳои дахлдор хоҳад андешид. Дар умум, ҷалби сармоя ва маблағгузории субъектҳо аз аввали фаъолият ба 69 миллиону 302 ҳазор сомонӣ расидааст, ки нишондиҳандаи бад нест.

**- Феълан дар МОИ «Панҷ» чанд нафар ба кори доимӣ фаро гирифта шудаанд ва соли гузашта истеҳсоли маҳсулот чӣ гуна буд?**

- Дар МОИ «Панҷ» 56 нафар ба кори доимӣ ҷалб шуда, бо маоши хуб таъмин мебошанд. Суъектҳои минтақа дар давраи зикршуда ба маблағи 18,7 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карданд.

**- Доир ба бунёди инфрасохтори зарурӣ дар ҳудуди МОИ «Панҷ» чӣ корҳо амалӣ шудаанд?**

- Ба шарофати дастгирию ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар МОИ «Панҷ» тамоми шароити лозимӣ фароҳам аст. Деворбардории ҳудуди минтақа, бинои назорати гумрукӣ, роҳи дохилӣ ва пайвастшавии он ба шоҳроҳи Душанбе-Панҷи поён ба охир расид. Минтақа бо барқи доимӣ низ пурра таъмин буда, аз масофаи се километр хати оби тоза кашида шуд. Соли гузашта барои бунёди инфрасохтори зарурӣ 2,5 миллион сомонӣ ҷудо ва барои хубтар гаштани фаъолияти минтақа самаранок истифода гардид. Бо хушнудӣ метавон гуфт, ки МОИ «Панҷ» дарояндаи наздик барои Тоҷикистони соҳибистиқлоламон дарвоза ба кишварҳои ҳамсоя ва минтақа то соҳилҳои уқёнуси Ҳинд хоҳад шуд.

**- Ташаккур барои суҳбат.**

**Мусоҳиб С. СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# ФАЪОЛИЯТИ БЛОГЕРОНУ САРОЯНДАГОНИ КӮЧАГӢ ТАНЗИМ МЕШАВАД?

**27-уми январ Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанги ҷумҳурӣ, зимни нишасти матбуотӣ ба суолҳои хабарнигорон дар мавриди танзими фаъолияти як зумра блогерону сарояндагони кӯчагӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ посух дод, ки дар замони гузариш ба сохти нави тараққиёт чунин зуҳурот ногузир аст ва яке аз вазифаҳои асосии Вазорати фарҳанг ҳифзу гиромидошти арзишҳои миллӣ мебошад.**



- Айни ҳол вазорат дар ҳамкорӣ бо дигар идораю ташкилотҳои марбута бо мақсади ҷилавгирӣ аз чунин мушкилот, ба танзим даровардани фаъолияти сароянгагоне, ки дар вазорат сабти ном нашудаанд, ҳамчунин, блогерон тағйиру иловаҳоро ба баъзе қонунҳои соҳаи иттилоот ба нақша гирифтааст. Инчунин, баланд бардоштани саводи расонаии ҷомеа аз муҳимтарин тадбирҳо дар ин самт мебошад, ки ҷилавгирӣ аз чунин бенизомиҳо на танҳо вазифаи Вазорати фарҳанг, балки вазифаи аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад, - илова намуд Матлубахон Сатториён.

**Г. РАҲМОНОВА,**
**«Садои мардум»**




# ОМӮЗИШИ ТАҶРИБАИ ДИГАР ДАВЛАТҲО РОҲАНДОЗӢ МЕГАРДАД



**Соли 2024 шумораи хизматчиёни давлатии амалкунанда 18 ҳазору 801 нафар буда, синни миёнаи онҳо 36,6 солро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии 5955 нафар ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 1146 нафарашон занон мебошанд. Дар ин бора директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Илёс Идрисзода 28-уми январи соли 2025 дар нишасти матбуотӣ хабар дод.**

- Бо мақсади тақвияти ҳамкорӣ бо ҷониби Корея лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Вазорати идоракунии ҳайати Ҷумҳурии Корея ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, дар ин самт мувофиқаи корҳо идома дорад. Дар мавриди ба имзо расидани ин ёддошт меъёрҳо вобаста ба таҳсили хизматчиёни давлатӣ, ташкили семинарҳо, омӯзишҳо ва дигар самтҳое, ки ба хизмати давлатӣ дахл доранд, ба назар гирифта мешаванд, - зикр кард И. Идрисзода.

- Мо кӯшиш мекунем, ки шумораи омӯзишҳоро бештар намуда, дар даврҳои омӯзишӣ таҷрибаи дигар давлатҳоро омӯзем. Иштироки хизматчиёни давлатӣ дар ин даврҳо бояд зиёд бошад, зеро омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо дар дилхоҳ самт ба манфиат ва пешрафти кори мо аст, - изҳор дошт номбурда.

**Ф. АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

# 1730 МУРОҶИАТ БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД



**- Соли 2024 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1730 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 282 муроҷиати хаттӣ, 1429 муроҷиати шифоҳӣ, 12 муроҷиати электронӣ ва 7 муроҷиати телефонӣ мебошанд. Дар давраи зикршуда дар намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1212 муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки 118 муроҷиат хаттӣ ва 1094 муроҷиат шифоҳӣ буда, 71 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусбат ҳал гардид,- иброз намуд ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода 27 январи соли равон зимни нишасти матбуотӣ.**

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шарҳ дод, ки муроҷиатҳои хаттии шаҳрвандон тибқи таснифот бештар ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ - 24 адад, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ -38, ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ -23, ҳуқуқ ба муроҷиат -15, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озод будан аз ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ- 15, ҳуқуқ ба манзил -9 ва ҳуқуқ ба саломатӣ 5 адад, рабт доранд.

**М. ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**



# АИД. СИФАТИ ТАҲСИЛ 59,7 ВА АЗХУДКУНӢ 97,2% АСТ

**Дар соли таҳсили 2024-2025 дар баробари ба тариқи тестӣ санҷидани савияи дониши донишҷӯёну магистрантон, ҳамзамон, тавассути иштирок дар машғулияти устодон ба сатҳи азхудкунии дониш ва фаъолияти омӯзгорон баҳо гузошта шуд. Зимни баҳогузорӣ маълум гардид, ки сифати таҳсил аз рӯйи шумораи донишҷӯёну магистрантон 59,7 ва азхудкунӣ 97,2 фоиз аст. Дар ин бора ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Даврон Сафарзода 28-уми январи соли 2025 зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Қайд гардид, ки соли 2024 бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ 7 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расида, табодули донишҷӯён бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи мамлакат 31 нафарро ташкил додааст.

- Дар самти ба анҷом расонидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар академия барои ҳимояи рисолаи номзадӣ 10 ҳазор сомонӣ ва рисолаи докторӣ 15 ҳазор сомонӣ мукофот муқаррар гардидааст, - афзуд Д. Сафарзода.

**Ф. АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 31 январи соли 2025, соати 16:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33945 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97